ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ. – Душанбе, 2026.

Дар адабиётшиносии ватанӣ ва хориҷӣ то кунун дар бораи зиндагӣ ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил корҳои зиёде анҷом шудааст. Муҳаққиқони барҷастае ҳамчун Садриддин Айнӣ, Холида Айнӣ, Бобобек Раҳимӣ, Нуралии Нурзод, Салоҳиддини Салҷуқӣ, Асадуллоҳи Ҳабиб, Абдулғафури Орзу ва Муҳаммадкозими Козимӣ бо нигориши рисолаҳои ҷудогона ба масъалаҳои гуногуни вобаста ба афкор, ашъор ва поэтикаи Бедил равшанӣ андохтаанд. Бо ин вуҷуд, ҷанбаҳои тоза ва таҳқиқнашуда дар ашъори шоир ва мутафаккири мавриди назар зиёд аст ва пажуҳишҳои нав ба навро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» мубрам ва саривақтӣ буда, бо назари нав ба ҷанбае аз ғазалиёти Бедил нигаристааст, ки то имрӯз таҳқиқношуда буд.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки диссертант нахуст аз нигоҳи назарӣ ба баррасии санъатҳои “ҳиссомезӣ” ва “мутаноқизнамоӣ” пардохта, сипас ҷойгоҳи ин ду санъатро аз чанд манзар дар ғазалҳои Абдулқодири Бедил мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар муқаддима нахуст аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ тавзеҳ дода шудааст. Мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгонии кор ва аҳаммияти назарию амалии он низ хеле мушаххас ва мутобиқ ба меъёру талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ гардидаанд. Истифодаи диссертант ба нусхаҳои илмӣ-интиқодии девони Абдулқодири Бедил ва такя кардани ӯ ба методҳои таҳқиқи илмии муносиб дар ин пажуҳиш аз ҷанбаҳои мусбат ва назарраси кор аст.

Дар чаҳор фасли боби аввали диссертатсия зери номи “Асосҳои назарии ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ” масъалаҳои гуногуни назарӣ, аз ҷумла, таърихи ин истилоҳот, маъноҳои луғавӣ ва истилоҳии онҳо, таърифу шинохти онҳо дар адабиётшиносии аврупоӣ, русӣ ва форсии тоҷикӣ, пешинаи корбурди ин саноеъ дар ашъори шоирони классикии форсу тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, дар саҳифаи 17-уми автореферат омадааст: “Истилоҳи аврупоии ҳиссомезӣ “synesthesia” аст. Ин истилоҳ аз ду вожа таркиб шудааст, ки “syn” ба маънои пайванд ва “esthesia”

ба маънои эҳсос мебошад. Маънои ҳар ду бо ҳам таркиб ва пайванди эҳсос аст" [автореферат, с. 17]. Ҳамин гуна, аз мутолиаи ин бахш маълум мегардад, ки диссертант ба баррасии падидаҳои ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамой дар адабиётшиносии ватанӣ ва хориҷӣ ба таври муфассал таваҷҷуҳ кардааст, ки метавон онро аз бартариҳои автореферат ба шумор овард.

Дар боби дуюми автореферат, ки "Баррасии ҳиссомезӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил" ном дорад, муаллиф намунаҳои ҳиссомезӣ дар ғазалҳои Бедилро бо овардани шоҳидҳои шеърӣ ба баррасӣ гирифтааст. Ин боб аз се фасл ва фасли аввал аз се зерфасл иборат буда, дар онҳо вижагиҳои ҳиссомезиҳои Бедил аз нигоҳи балоғӣ, сохторӣ ва тақимбандии ҳиссомезӣ аз нигоҳи ду тарафи таркиби ҳисҳо таҳқиқ шудааст. Ба андешаи диссертант метавон розӣ шуд, ки "дар аксари байтҳои Бедил, ки ҳиссомезию мутаноқизнамой вуҷуд доранд, санъатҳои дигари шеърӣ ва рамзу киноятҳои фаровон низ ба кор рафтааст. Ин кор, аз як тараф, сухани ӯро печидатар карда бошад, аз тарафи дигар, халлоқияту ҳунармандии шоирро ба авҷ расонидааст" [автореферат, с. 20].

Боби сеюми диссертатсия зери номи "Баррасии мутаноқизнамой дар ғазалиёти Бедил" омада, аз ду фасл иборат аст. Фасли аввал "Вижагиҳои корбурди мутаноқизнамой дар ғазалиёти Бедил" унвон ёфта, аз се зерфасл иборат аст. Дар зерфаслҳо ба таносуби мутаноқизнамой бо дигар санъатҳо ва шигардҳои пуркорбурди ғазалиёти шоир, сохтори он, мазмунҳои меҳварӣ пардохта шуда, дар фасли дуюми ин боб вижагиҳо ва сабабҳои унсури сабксоз будани мутаноқизнамой дар ғазалиёти шоир баррасӣ карда шудааст. Ҷиҳати арзишманд ва афзалияти ин боб дар он аст, ки бори нахуст мазмунҳои меҳварӣ ва асосии мутаноқизнамоиҳои Бедил ба таври илмӣ муайян ва мушаххас карда шудааст. Инчунин, дар ҳамин боб ба дигар унсурҳои сабксози Бедил, ғайр аз ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамой, ҳамчун вобастаҳои ададии хос ("сад Миср шакар", "як оина ҳайрат" ва ғ.), ташхис, таркибҳои хос ("ғафлатоҳанг", "ҳайратэҷод" ва ғ.), таҷрид, услуби муодила ва эҷоди мотивҳои ҷадид таваҷҷуҳ шудааст, ки аз бартариҳои кори муаллифи автореферат аст.

Дар баробари дастовардҳо дар авторефераты диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой баъзе норасоиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлой дида мешавад, масалан саҳифаҳои 17 ва 30.

2. Дар дохили қавсайн ба шакли англисӣ овардани номи муҳаққиқони хориҷӣ, масалан, Георг Людвиг Сакс (сах. 17) боиси бехтар риоя шудани дақиқияти илмӣ мегардад.
3. Муъҷазтар кардани банди 10-уми "Хулоса" ба мақсад мувофиқ аст.

Эродҳои мазкур бештар хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши автореферат таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва зуд ислоҳпазиранд.

Дар умум, автореферати диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои филологӣ,
корманди Муассисаи давлатии
«Сарредаксияи илмии
Энсиклопедияи Миллии Тоҷик» Искандари Ориф
28-уми октябри соли 2026.

Нишонӣ: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, к. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 988200131
E-mail: orifiskandar@gmail.com

Имзои Искандари Орифро тасдиқ мекунам:
Нозири кадрҳои Муассисаи давлатии
«Сарредаксияи илмии
Энсиклопедияи Миллии Тоҷик» Майрамбии Абдурасул

Нишонӣ: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Н. Қарабоев, 17.
Тел.: (+992 37) 233-35-71
E-mail: donishnoma@gmail.com
28-уми октябри соли 2026.